**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

Таҳқиқоти диссертатсионии Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ – институти таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, фарогирандаи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии падидаи ишорашуда мебошад.

Ислоҳоти солҳои охири кишвар, аз он ҷумла ислоҳоти судӣ яке аз шохаҳои муҳими қонунгузорӣ, яъне қонунгузории ҷиноятиро дар канор нагузошт. Сабаби асосии тағйиротҳо дар қонгузории амалкунандаи ҷиноятӣ воридгардида пеш аз ҳама ин навсозии мазмун ва моҳияти муносибатҳои ҷамъиятии таҳти ҳимояи қонунгузории ҷиноятӣ карордошта ва мукамалгардонии ҳимояи қонунии онҳо мебошад.

Афзалият додан ва диққати махсуси давлат ба арзишҳои иҷтимоӣ талаб менамоянд, ки ҳифзи қонунии мутобиқ ба муқобили рафторҳои зидди иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад. Дар ин самт пеш аз ҳама ҳифзи арзишҳои бо қонуни ҷиноятӣ муайянгардида ва муборизa бар зидди ҷиноятқорӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд.

Дар марҳилаи муосири рушди ҷомеаи Тоҷикистон ҷазои ҷиноятӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ воситаи асосии муборизa бар зидди ҷиноятқорӣ боқӣ монда, таъминкунандаи вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ ба шумор меравад.

Дар ин раванд, дар заминаи ақидаҳои илман асоснок ва меъёрҳои мукаммали ҳуқуқии ҷиноятӣ ҳал намудани праблемаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъини ҷазои ҷиноятӣ барои шариконӣ ҷиноят муҳим арзёби мегардад. Зеро, дар сохтори ҷиноятҳои гуруҳӣ пайваста тағйиротҳои сифатӣ ба назар расида, он ба иттиҳодшавӣ, муттаҳидшавии элементҳои криминалистӣ оварда расонида, боиси васеъшавии восита ва метоҳои фаъолияти ҷиноятқоронаи иштирокчиёни ҷиноятҳои гуруҳӣ гаридидааст.

Аз ин лиҳоз, масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят танзими ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ ва илман асоснокро танҳо ба хотири ҷазои сазовор

гирифтани шариконӣ ҷиноят, таъмин намудани принсипи ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгории шариконӣ ҷиноят, тақозо менамояд.

Ҳамчунин, чораҳои қонуни ҷиноятӣ танҳо дар доира ва ба хотири расидан ба мақсади ҷазои ҷиноятӣ нисбат ба шарикони ҷиноятӣ ва мақсадҳои дар назди ҷазо гузошташуда мебошад, ки ин моҳияти яке аз самтҳои асосии сиёсати ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Тавре аз б. 3 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, №1005 бармеояд, сиёсати ягонаи ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равияҳои замонавии инкишофи ҷомеа асос ёфта, дар натиҷаи таҷриба ва асосноккунии илмӣ, тасаввуроти фундаменталии дурнамои наздик ва дарозмуддати давлати Тоҷикистон ва ҷомеа дар самти мазкур зарур мебошад.

Вобаста ба ин, тағйиротҳои дар оламӣ чиноятӣ бавуҷудомада дар содиркунии баъзе намуди ҷиноятҳо, аз қабили тероризм, экстримизм, гардиши ғайриқонунии маводҳои мухадир, таъмаҷуӣ, ҷиноятҳои иқисодӣ ва ғайра, ки дар аксар ҳолатҳо дар шарикӣ содир гардида, онҳо ҳато ба фаъолияти ҷиноятӣ мубадал гардидаанд, ба қадри зарурӣ аҳамияти иҷтимоии мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро афзун менамояд.

Масоили шарикӣ дар ҷиноят қатъи назар аз таърихи ташаккули он то айни замон ба ҳайси яке институти мураккаб ва баҳсталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монда, баъзе паҳлуҳои он то ба имрӯз байни олимон мавриди муҳокимаи ҷиддӣ қарор доранд. Ҷиноятҳои дар шарикӣ содиршуда на ҳама вақт дар як шакли мушаххас содир мегарданд. Бинобар ин масоили банду баст, критеряи тафриқаандозии онҳо аз рӯи нишонаҳои объективӣ ва субективӣ дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ баъзе мушкилот ба бор меоварад. Аз ин лиҳоз ба муҳимияти иҷтимоии он нигоҳ накарда, зарурияти ташаккули роҳоии илман асоноккардашудаи тафриқаандозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фардикунонии таъини ҷазои шарикони ҷиноят аз рӯи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манфиат холӣ намебошад.

Бояд ба назар гирифт, ки содир намудани ҷиноят дар шарикӣ аз ба ҷамъият хавфнокии баланди кирдори ҷиноятӣ ва шахсияти гунаҳгорон шаҳодат медиҳад. Дақиқан риоя кардани қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба таъин намудани ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят яке аз шартҳои муҳими муайян кардани ҷазои қонунӣ, асоснок ва одилона мебошад.

Ташаккул додани таҷрибаи судии таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят яке аз муҳимтарин ва душвортарин масъала буда, мукаммалгардонии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба танзимдарории таъин намудани ҷазоро барои шарикӣ

дар ҷиноят таъмин менамоянд, яке аз масоили омӯзиши тадқиқоти рисолаи мазкур ба шумор меравад.

Муҳимияти мавзӯи тадқиқот дар он низ зоҳир мегардад, ки ақидаҳои илмӣ оид ба моҳияти таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, инчунин воситаҳои фардикунонии таъини ҷазо барои шарикони ҷиноят омӯхта ва таквият дода шаванд. Зеро, интихоби усули дахлдори муайян намудани ҷазои сазовор барои шарикони ҷиноят яке аз масъалаҳои муҳими институти шарикӣ дар ҷиноят буда, дар ин маврид КҶ ҶТ ҳадди мушахаси муайянкунандаи муҳлати ҷазои шарикони ҷиноятро муайян накардааст.

Илова бар ин, лозим ба ёдоварист, ки ҳарчанд дар рисолаҳоии илмӣ, асарҳову мақолаҳои олимони ватанӣ баъзе паҳлуҳои масоили шарикӣ дар ҷиноят аз рӯи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ дар доираи маҳдуд вобаста ба дигар мавзӯҳо мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи мазкур ҷой надоранд.

Новобаста аз он ки саҳми олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол баъзе паҳлуҳои масъалаи таъини ҷазо барои шаиркӣ дар ҷиноят ва масъалаҳои банду басти он ба тадқиқоти маҷмӯии мушаххас ниёз дорад.

Дар асоси гуфтаҳои зикргардида таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии масъалаҳои танзими қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба шарикӣ дар ҷиноят, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шарикӣ дар ҷиноят, коркарди тавсияҳои илман асоснок ҷиҳати мукаммалгардонии қонунгузории ҷиноятӣ дар замони имрӯза мубрам мебошанд.

Тадқиқоти мазкур ба таҳлили ҳуқуқии ҷиноятии таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ дар ҳамбастагӣ бо баҳодиҳии таҷрибаи судӣ вобаста ба татбиқи институти мазкур, ошкор намудани мушкилиҳое, ки ба рушди он дар марҳилаи муосири инкишофи ҷомеа монеа эҷод мекунанд ва коркарди тавсияҳо оид ба ҳалли проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалӣ равона гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда унвонҷӯ вазифаҳои зеринро дар назди худ гузоштааст:

–муайян кардани асосҳои ҷавобгарии ҷиноятии шарикони ҷиноят ва ташаккули ақидаҳои илмии он, ки моҳияти он ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад:

–таҳқиқи аломатҳои объективӣ ва субъективии шарикӣ дар ҷиноят ва таъсири онҳо ба банду басти кирдори шарикони ҷиноят;

–таҳлили ҳуқуқии критеряи «қасдона» дар мафҳуми шарикӣ дар ҷиноят ва андешаҳо атрофи шарикӣ аз беэҳтиётӣ;

–таҳлили аломатҳои намуди шариконӣ ҷиноят ва критеряҳои фарққунандаи онҳо, шакли шарикӣ дар ҷиноят ва таъсири онҳо ба таъини ҷазо:

–омӯзиши натиҷаи умумии ба ҷамъият хавфноки ҷиноятҳое, ки дар шарикӣ содир мегарданд;

–коркард ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамой оид ба таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят.

**Объекти таҳқиқот** аз масоили комплексии назарявӣ ва амалии таъини ҷазо ба шарикӣ дар ҷиноят ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт иборат мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот**ро таҳлил ва арзёбии меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии ҶТ, ки иниститути шарикӣ дар ҷиноятро ба танзим медароранд, қоидаҳои умуми ва махсуси таъини ҷазо барои шарикони ҷиноят, амалияи судӣ оид ба таъини ҷазо ба шариконӣ ҷиноят, тамоили инкишоф ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ марбут ба шарикӣ дар ҷиноятро дар бар мегирад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки баъди қабули КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 рисолаи илмии мазкур нахустин таҳқиқоти маҷмӯие мебошад, ки ба таҳлили низомноки масъалаи таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят, паҳлуҳои мушахаси илмӣ ва амалии он ва такмили минбаъдаи он бахшида шудааст.

Дар диссертатсия таҳлили амиқи моҳият, мафҳум ва аломатҳои шарикӣ дар ҷиноят, мазмуну муҳтавои аломатҳои тарафи объективӣ ва субъективӣ, намуди шарикон ва шакли шарикӣ, коидаҳои умумӣ ва махсуси таъини ҷазо ва таъмин намудани фардикунонии таъини ҷазо ба шарикони ҷиноят таҳқиқ карда шуда, ҷиҳати такмили иниститути шарикӣ дар ҷиноят тавассути пешниҳод намудани андешаҳои таҳлилшуда, ворид намудани тағйир ва иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт пешниҳодҳои асоснок ироа гардидааст. Ба назари эътибор гирифтани навгониҳои диссертатсия имконият медиҳанд, ки ба андешаҳои илмӣ дар доираи институти шарикӣ дар ҷиноят дар илми ҳуқуқи ҷиноятии ватанӣ вусъат бахшида шуда, қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ташакул ёфта, онҳо дар таҷрибаии тафтиши пешакӣ ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба шарикӣ дар ҷиноят дастур гарданд. Инчунин ба ҳайси мавод омӯзишӣ барои донишҷуён, шунавандагон, унвонҷуён, аспирантон кормандони

ҳифзи ҳуқуқ, судяҳо ва дигар шахсоне, ки ба масъалаҳои шарикӣ дар ҷиноят мароқ зоҳир менамоянд, истифода карда шавад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Усулҳои таҳқиқотро методи диалектикии маърифати воқеияти иҷтимоӣ, инчунин маҷмӯи методҳои махсуси илмӣ - оморӣ, шаклию мантиқӣ, таърихӣ, сотсиологӣ ва ғайра ташкил додаанд. Дар диссертатсия методҳои махсуси омӯзиши проблемаҳои илмӣ, аз қабили методҳои муқоисавӣ - ҳуқуқӣ васеъ истифода гаштаанд, ки барои коркарди донишҳои нави марбут ба мавзӯи диссертатсия ва натиҷаҳои он замина фароҳам оварданд.

**Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро** пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ карор гирифтанд.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои шарикӣ дар ҷиноят ҷамъбаст ва густариш медиҳад. Гузашта аз ин, муқаррароти назариявии таҳияшуда ҳангоми тадқиқоти минбаъдаи масоили таъини ҷазо барои шарикӣ дар ҷиноят аз ҷониби дигар муҳаққиқон истифода шуда метавонад. Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳм гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки хулосаву пешниҳодоти дар диссертатсия таҳиянамудаи муаллиф метавонанд оид ба такмили минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти шарикӣ дар ҷиноят дар амалияи мақомоти тафтишоти пешакӣ ва суд оид ба ошкор, таҳқиқ ва таснифоти ҷинояти мазкур мавриди истифода қарор дода шуда, дар самти пешгирии ҷиноятҳои гурӯҳӣ мусоидат намояд.

Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар ҷараёни таълим дар муассисаҳои олӣ ҳангоми тадриси фанҳои ҳуқуқшиносӣ-ҳуқуқи ҷиноятӣ, бандубасти ҷиноятҳои гурӯҳӣ, асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо истифода шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, таклифу пешниҳодҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, метавонанд дар ҷодаи рушд ва такмили

қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиӣ дар соҳаи шарикӣ дар ҷиноят, инчунин амалияи ҳуқуқтатбиққунии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ саҳми бориз дошта бошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Тағозода Абдуқаҳҳор Саидмурод дар мавзуи «Масоили таъини ҷазо барои содир намудани ҷиноят дар шарикӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи**
**ҷиноятӣ ва муқовимат бо**
**коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Шарипов Т.Ш.**

Суроғa: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, м. Буни Ҳисорак
Тел.: (+992) 918408600

**Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори РК ва КМ ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**
**«03» 01 соли 2022.**